# ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

**Ба Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**

Мо санҷиши аудитии ҳисоботи тавозуниеро, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои марҳилаи аз 1-уми январи соли 2013 то 31-уми декабри соли 2013 пешниҳод гардидааст ва ҳамчунон Ҳисоботҳои оид ба фоида ва зарар, Ҳисобот оид ба ҳаракати сармоя барои соле, ки дар ин таърих ба итмом расидааст, иҷро намудем. Масъулият барои иттилооте, ки дар Ҳисоботи молиявии мазкур ҷой дода шудааст бар дӯши роҳбарияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошад. Ба зимаи ӯҳдадории мо пешниҳод намудани хулоса ва ибрози ақида дар хусуси ҳисоботи молиявӣ бар асоси санҷиши аудитие, ки аз ҷониби мо гузаронида шудааст, дохил мегардад.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши- аудити мазкур мо Меъёрҳои Байналмилалии гузаронидани аудитро риоя намудем. Тибқи меъёрҳои мазкур, мо вазифадор мебошем, ки аудитро тарзе ба нақша гирифта ва гузаронем, ки кафолати кофии ҷой надоштани нодақиқиҳои аслӣ дар Ҳисоботи молиявӣ ба даст оварда шавад. Аудит дар худ гузаронидани санҷиши тестии санаддорӣ, маблағҳои тасдиқшуда ва маълумотеро, ки дар Ҳисоботи молиявӣ ҷой дода шудааст, дар бар мегирад. Аудит ҳамчунон арзёбии усулу принсипҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботдиҳӣ, фаразияҳои аслии аз тарафи роҳбарият ворид гардида ва инчунин арзёбии умумии баёнсозии Ҳисоботи молиявиро дар назар дорад. Мо чунин мешуморем, ки санҷиши аудитории аз ҷониби мо гузаронида шуда ҳамчун асоси кофие барои хулосаи мо хизмат карда метавонад.

Мо бар чунин ақидаем, ки аудити аз ҷониби мо гузаронида шуда асоси қобили қабулеро барои баён намудани ақидаамон пешниҳод менамояд.

**Тибқи ақидаи мо**:

- Ҳисоботи молиявии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо ҳисобдории муҳосибавӣ мутобиқат менамояд.
- Ҳисоботи молиявии тасдиқшудаи Хазина инҳироф ва каҷравиҳои қобили таваҷҷӯҳеро доро намебошад.
- Мавқеи аудит вазъи дурустро то таърихи 31-уми декабри соли 2013 инъикос менамояд.
- Хароҷот аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ, ба мисли андози иҷтимоӣ ва хазинаи нафақа ба ҳисоб ворид гардида, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда шудаанд.
- Транзаксияҳо (муомилаҳо) тибқи Сиёсати баҳисобгирие, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазинаи тасдиқ гардидааст, иҷро карда шудаанд.